Тасдиқ карда шудааст
Аз тарафи Маҷлиси умумии ТҶ "Хуршед"
Суратҷаласаи №_25 январи_соли 2022

# СИЁСАТИ

**гендерӣ дар Ташкилоти ҷамъиятии "Хуршед"**

**2022**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Сиёсати гендерӣ - фаъолиятҳое, ки ба ноил шудан ба баробарҳуқуқӣ, имтиёзҳо, масъулият ва имкониятҳои мардон ва занон дар тамоми соҳаҳои ҷомеа равона карда шудаанд барои барҳам додани табъизи ҷинсӣ амалӣ карда мешаванд.

1.2. Сиёсати мазкур дар асоси Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналҳалқӣ ва санадҳои дохилии Ташкилот таҳия карда шудааст.

## 2. Мақсадҳои асосӣ

2.1. Сиёсати гендерии Ташкилоти ҷамъияти "Хуршед" минбаъд дар матн "Ташкилот", самти ноил шудан ба баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани мавқеи занони дар Ташкилот фаъолиятбаранда ва заноне, ки аз хизматрасониҳои Ташкилот истифода мебаранд, муайян мекунад ва ба танзим медарорад. Ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар сиёсати гендерӣ оварда шудаанд, барои ҳамаи кормандон ва бахшҳои Ташкилот ҳатмӣ мебошанд.

## 3. Дар самти рушди институтсионалии Ташкилот:

3.1. Таъмини гуногунии гендерӣ дар сатҳи қабули қарорҳои Ташкилот. Муқаррар кардани ҳадди аққали намояндагии занон дар сатҳи идоракунии филиалҳо, идоракунии иҷроия (масалан, 20%) ва Раёсати Ташкилот (масалан, 10%) Ҳамгироии равишҳои гендерӣ дар нақшаи стратегии рушди Ташкилот.

3.2. Таъмини ҳассосияти гендерии сиёсат ва расмиётҳои дохилӣ.

3.3. Муоширати самараноки сиёсати гендерӣ ва нақшаи амалиёт дар ҳамаи сатҳҳои воҳидҳои сохтории Ташкилот.

3.4. Ҷорӣ намудани равишҳои гендерӣ дар идоракунии захираҳои инсонӣ:

- баланд бардоштани ҳиссаи занону духтарони коргар дар воҳидҳои сохтории Ташкилот то 25%;
- фароҳам овардани имкониятҳои васеи мансабӣ барои кормандони ҷинси зан;
- таҷдиди назарияи сиёсати кадрҳо бо мақсади таъмин намудани стратегияи кадрии ва сиёсати гендерӣ, ки ҷалби занони мутахассисро ташвиқ мекунад;
- таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимӣ ва шомил кардани унсурҳои гендерӣ, бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисоси кормандон;
- роҳнамоии кормандони нав ва таҳияи тестҳо барои муайян кардани қолабҳои шахшудаи гендерӣ ва фаҳмиши мафҳуми гендерӣ, гузаронидани санҷиши дониши сиёсати гендерӣ барои кормандон;
- таҷдиди системаи захираҳои кадрӣ бо назардошти таъмини баробарии гендерӣ.

3.5. Бознигарии сохтори ташкилии Ташкилот ва таъмини сохтори гендерӣ.

3.6. Таҳия, татбиқ ва мониторинги нишондиҳандаҳои гендерӣ.

3.7. Ташкил ва такмил додани системаи мониторинг, баҳодиҳӣ ва ҳисоботдиҳии нишондиҳандаҳои гендерӣ.

3.8. Тақвияти фарҳанги институтсионалии Ташкилот оид ба гендер.

## 4. Сиёсати гендерӣ чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:

4.1. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии гендерӣ дар байни кормандони Ташкилот дар ҳама сатҳҳо ва дар тамоми воҳидҳои сохторӣ.

4.2. Гузаронидани ташхиси гендерии санадҳои меъёрии дохилии мавҷуда ва дастурамалҳо;

4.3. Таъини шахси масъул барои татбиқи ва ташкили шабакаи гендерӣ дар ҳамаи воҳидҳои сохторӣ;

4.4. Таъмини захираҳои молиявӣ, маъмурӣ ва инсонӣ барои иҷрои саривақтӣ ва самаранокии шабакаи гендерӣ;

4.5. Баланд бардоштани сатҳи маърифати гендерӣ дар байни кормандони Ташкилот дар ҳамаи воҳидҳои сохторӣ;

4.6. Таъмини дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқии занон дар ҳолати баҳсҳо, ва фаъолият дар Ташкилот ва шарикон.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

5.1. Риояи талаботҳои Сиёсати гендерӣ барои ҳамаи кормандони (аъзои) Ташкилот ва шарикону ташрифоварангон ҳатмӣ мебошад.

5.2. Тағйироту иловаҳо ба сиёсати мазкур бо пешниҳоди Директори иҷроияи Ташкилот аз ҷониби Маҷлиси умумии аъзоёни Ташкилот тасдиқ карда мешавад.